# ХУЛОСАИ
## Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № _____
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 20 январи соли 2024, таҳти №43.

Бораи сазовор донистани Файзиев Спитамен Абдулҳақович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Файзиев Спитамен Абдулҳақовичро дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил» аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар таърихи 28.11.2024 сол, суратмаҷлиси №36 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети хуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Файзиев Спитамен Абдулҳақович 29 майи соли 1981 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 1998 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии милли Тоҷикистон (Донигоҳи Миллии Тоҷикистон) аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2003 хатм намудааст. Баъди хатми донишгоҳ аз соли 2005 фаъолияти кории худро аз мақоти корҳои дохилӣ шуруъ намуда, дар вазифаҳои гуногун адои хизмат намудааст. Айни ҳол дар вазифаи сардори Шуъбаи тафтиши парвандаҳои нокушодаи солҳои пешини Раёсати тафтишотии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон адои хизмат менамояд (подполковники милитсия).

Аз 20-уми октябри соли 2021 ба ҳайси унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси ҳимояшаванда, ба тариқи буҷавӣ қабул гардидааст (фармоиши Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 20-уми октябри соли 2021, таҳти №10-02).

Диссертатсия дар Диссертатсия дар Шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Зоир Ҷурахон Маҷидзода** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва хуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ.

**Муқарризони расмӣ:**

**Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия – Тоҷикистон;

**Зокирзода Зафар Хайрулло** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини ректор оид ба корҳои таълими Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон дар н. Рашт.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон» (ш. Хуҷанд).

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои хуқуқшиносӣ Муллоҷонова Н.А. омода гардида, аз ҷониби раиси семенари васеи илмӣ-назариявӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қобилов Б.Қ. ва котиби ҷаласа, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои хуқуқшиносӣ Ахмедов Н.И. имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифзода М.М. санаи 28.12.2023 сол тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия маҳсули меҳнати муаллиф ба ҳисоб меравад, ки мустақилона омода карда шудааст, мазмун ва мантиқи ягонаи дохилиро соҳиб мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

1. Файзиев, С.А. Дахлнопазирии манзил: мушкилоти бандубасти ҷиноят [Матн] / С.А. Файзиев // «Қонунгузорӣ». – 2021. – №4 (44). – С. 96-102; ISSN 2410-2903.

2. Файзиев, С.А. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил дар қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ [Матн] / С.А. Файзиев // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2021. – №4 (40). – С. 160-163; ISSN 2305-0535.

3. Файзиев, С.А. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии объект ва предмети вайрон намудани дахлнопазирии манзил [Матн] / С.А. Файзиев // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2022. – №2 (42). – С. 168-173; ISSN 2305-0535.

4. Файзиев, С.А. Таърихи ташаккул ва рушди институти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.А. Файзиев // Осори академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – 2022. – №3 (55). – С. 122-130; ISSN 2412-141X.

5. Файзиев, С.А. Сравнительно-правовой анализ преступления «Нарушение неприкосновенности жилища» на примере законодательства стран дальнего зарубежья [Текст] / С.А. Файзиев // Труды академии МВД Республики Таджикистан (научный журнал). – 2023. – №2 (58). – С. 133-139; ISSN 2412-141X.

6. Зоир, Ҷ.М., Файзиев, С.А. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷинояти вайрон кардани дахлнопазирии манзил тибқи қонунгузории кишварҳои хориҷи дур [Матн] / Ҷ.М. Зоир, С.А. Файзиев // Далатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – №4 (32). – С. 199-210; ISSN 2414-9217.

7. Зоир, Ҷ.М., Файзиев, С.А. Неприкосновенность жилища: проблемы квалификации преступления [Текст] / Ҷ.М. Зоир, С.А. Файзиев // Самаранокии татбиқи ҳуқуқ ҳамчун омили таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ. Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба 25-солагии рӯзи Ваҳдати миллӣ» (ш. Душанбе, 14 июни соли 2022) // Зери таҳрири Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик Фарҳод Раҳимӣ. – Душанбе: Дониш, 2022. – С. 327-342.

8. Файзиев, С.А. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии объект ва предмети вайрон намудани дахлнопазирии манзил [Матн] / С.А. Файзиев // Нашрияи иттилоотии Раёсати тафтишотӣ (ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон). – 2023. – №1 (44). – С. 43-55.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Раҳимзода Р.Ҳ.** – Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

**Шарифзода Ф.Р.** – Сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

**Раҳмадҷонзода Р.Р.** – Муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

**Қодирзода Д.С.** – Декани факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан ба масъалаҳои мубоҳисавии диссертатсия, аз ҷумла, оид ба таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил, кам истифода шудани асарҳои олимони ватанӣ дар рисола, кам омӯхта шудани парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба мавзуи баррасишаванда, кам истифода

шудани консепсия, барнома ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро фаро мегиранд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқарраროти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйироту иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷрои таҳқиқоти илмӣ:**

– таърихи инкишоф ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистонро пурра ва ҳаматарафа омӯхтааст;

– масъалаҳои криминализатсияи вайрон намудани дахлнопазирии манзилро мавриди баррасӣ қарор додааст;

– аз ҷониби муаллиф таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил бо қонунгузории кишварҳои хориҷӣ амалӣ карда шудааст;

– таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил мавриди таҳлил қарор дода шудааст;

– аломатҳои бандубастшавандаи таркиби ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил баррасӣ гардидаанд;

– пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил коркард ва таҳия карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки** натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо баҳри такмили қонунгузории самти пешгирӣ ва мубориза бар зидди вайрон намудани дахлнопазирии манзил равона гардидааст. Инчунин, дар таҳияи асосҳои назариявии коркарди низоми донишҳои мавҷуда оид ба масъалаи баррасишаванда ифода меёбад. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳлил ба пайдоиши тасаввурот оид ба маҷмуи воситаҳои қонунии мубориза бар зидди вайрон намудани дахлнопазирии манзил мусоидат намуда, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин соҳа замина мегузоранд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба монанди: усулҳои диалектикӣ, таърихӣ, ҳуқуқӣ-муқоисавӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ (догматикӣ), низомию сохторӣ ва функсионалӣ, оморӣ ва ғ. истифода шудаанд.

Ҳамчунин, ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии таҳқиқотро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанию хориҷӣ оид ба вайрон намудани дахлнопазирии манзил ташкил медиҳанд. Инчунин, дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ асарҳои ҳуқуқшиносону муаррихони Шуравӣ ва пасошуравӣ, дар соҳаҳои фалсафа, психология, назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, криминалистика, ҳуқуқи манзил, инчунин захираҳои глобалии маъхазҳои иттилоотии Интернет ва тафсирҳои васоити ахбори омма мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** онҳо метавонанд истифода шаванд:

– дар фаъолияти қонунгузорӣ барои такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи ҶТ дар робита ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил;

– дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти тафтишотӣ – ҳангоми баҳодиҳии ҳуқуқӣ ва бандубасти ҷиноятии вайронкунии дахлнопазирии манзил;

– барои беҳтар намудани амалияи татбиқи муқаррароти м. 147 КҶ ҶТ аз тарафи мақомоти таҳқиқ, пешбурди тафтишотӣ, прокурор ва суд оид ба ошкор, таҳқиқ ва таснифи ҷинояти баррасишванда;

– зимни омода намудани қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ, маҷмуаи фармонҳои Прокурори генералии ҶТ, бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва якхелаи қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил аз ҷониби судҳо;

– дар раванди таълим ҳангоми омода намудани маводҳои дахлдори таълимию методӣ ва гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ дар муассисаҳои миёнаи махсус, олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, курсҳои махсуси «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» ва «Асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо» истифода шавад;

– дар соҳаи таҳқиқот, барои таҳқиқоти минбаъда оид ба масъалаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумла, дахлнопазирии манзил дар ҶТ.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо истифода гардидани усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи қонунгузории ҶТ ва санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ, таҳлили адабиёти умумӣ ва махсуси илмию таълимӣ, рисолаҳои илмӣ, мақолаву дастовардҳои дигари дар сатҳи илм пазируфташуда ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ асоснок мегардад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Дар ҷараёни таҳқиқ муаллифи диссертатсия ба таври кофӣ санадҳои байналмилалӣ, қонунгузории

ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил, хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфноки ин ҷиноятҳоро дар замони муосири рушд ва таҳлили таркиби ҷиноятҳои баррасишавандаро тавсиф намудааст. Ҳамчунин, аз ҷониби диссертант коркарди амалӣ ва назариявии тавсияҳо баҳри такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил, пешниҳод гардидааст.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 20 январи соли 2024 қарор қабул карда шуд, ки ба Файзиев Спитамен Абдулҳақович дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд тасдиқ гардидааст 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 13 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – 13 нафар, муқобил – нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарипов Т.Ш.

И.в. котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Назаров А.Қ.

20-уми январи соли 2024